Замимаи 1

Бо фармоиши Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» майи соли 2018
№50-ф тасдиқ шудааст

# ТАРТИБИ
## гузаронидани озмуни кушода байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ватанию хориҷӣ доир ба интихоби беҳтарин лоиҳаи ангоравии боғи «Истиқлолият» бо майдони маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» дар шаҳри Душанбе бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби мазкур шартҳои гузаронидани озмунро барои муайян намудани беҳтарин лоиҳаи ангоравии боғи «Истиқлолият» бо майдони маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» дар шаҳри Душанбе бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

2. Озмун дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2017, №968 «Дар бораи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои муайян намудани беҳтарин лоиҳаи ангоравии боғи «Истиқлолият» ва дар дохили он ҷойгир кардани майдони маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад.

3. Дар озмун шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ватанию хориҷӣ метавонанд иштирок намоянд. Шакли озмун кушода ва озод буда, дар як давр гузаронида мешавад.

### 2.Ҳадаф ва мақсади озмун

4. Ҳадафи озмун амалӣ намудани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ буда, бо ин мақсад бунёди боғи нав бо номи «Боғи «Истиқлолият» ва дар дохили он ҷойгир кардани майдони маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» дар шаҳри Душанбе дар назар аст.

5. Барои дарёфти беҳтарин лоиҳа, ки муаррифгари таъриху фарҳанг, худшиносии миллӣ, арзишҳои миллӣ, дастовардҳои даврони Истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ ва рушди минбаъдаи устувори иқтисодӣ буда, ҷиҳати зебо ва ҷолиб намудани симои пойтахти

Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе мусоидат менамояд, озмун эълон карда мешавад.

Дар лоиҳаи ангоравӣ бояд ороиши дохилии боғи нав, инфрасохтори он ва дар боғи мазкур ҷойгир кардани майдони маҷмааи рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» ба инобат гирифта шавад. Дар лоиҳа инчунин мазмуну муҳтаво ва моҳияти рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» бояд ифода ёбад. Тамоми маҷмаа бояд бо ҳамин ду мафҳум алоқаманд бошад ва онҳоро ифода намояд.

## 3. Ваколатҳо, вазифаҳо ва тартиби фаъолияти Комиссияи байниидоравӣ

6. Ҳайати Комиссияи байниидоравӣ (минбаъд-Комиссия) дар доираи Тартиби мазкур фаъолият намуда, вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

- ташкил ва ҷамъбасти натиҷаҳои озмун;
- аз байни лоиҳаҳои пешниҳоднамудаи иштирокчиёни озмун интихоби беҳтарин лоиҳаҳои таҳияшуда ва муайян намудани сатҳи он;
- ҳангоми зарурат барои интихоби беҳтарин лоиҳаҳо ҷалб намудани коршиносони соҳа;
- мукофотонидани ғолибон;
- баррасии ҳолатҳои баҳсӣ ва муроҷиатҳои иштирокчиёни озмун.

7. Комиссия дар доираи ваколатҳои худ дар асоси нишондиҳандаҳои Тартиби мазкур бо роҳи омӯзиши ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва гузаронидани ҷаласаҳо фаъолият менамояд.

8. Ҷаласаҳои Комиссия дар сурати иштироки на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои он салоҳиятдор ҳисобида мешаванд. Қарорҳои Комиссия бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ бо овозҳои аксарияти иштирокчиёни он (беш аз 50 фоиз) қабул мегардад. Дар ҳолати баробар будани овозҳо овози Раиси Комиссия ҳалкунанда мебошад. Протоколи ҷаласаи ҷамъбастии Комиссия аз тарафи Раис ва котиби Комиссия ба имзо расонида мешавад.

9. Бо мақсади дар сатҳи баланд баргузор намудани озмун Комиссия дар доираи ваколатҳои худ метавонад ҳангоми зарурат гурӯҳи кории аз ҳисоби коршиносони варзидаи соҳа, вазорату идораҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ташаккулёфтаро ба кори Комиссия ҷалб намояд.

## 4. Ваколатҳои раиси Комиссия

10. Раиси Комиссия дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- ба кори Комиссия роҳбарӣ намуда, вазифаҳоро байни муовини Раиси Комиссия ва аъзои Комиссия тақсим менамояд;
- рӯзҳои баргузории ҷаласаҳои Комиссияро таъин мекунад;
- аз рӯи зарурат аз ҳисоби коршиносони варзида гурӯҳи корӣ таъсис медиҳад;

- оид ба чараёни баргузории озмун, баррасӣ ва ҳалли мушкилоти бамиёномада бо тартиби муқарраргардида тадбирҳо меандешад;

- тавсияҳоро оид ба баргузории озмун қабул ва тасдиқ менамояд;

- ҳуччатҳои расмии Комиссияро (протоколҳо, санадҳо, қарорҳоро, тасдиқ менамояд;

- оид ба чараён ва натичаҳои баргузории озмун ба Президенти Чумҳурии Точикистон маълумот пешниҳод менамояд.

5. Шарт ва талаботи озмун

11. Озмун дар асоси принсипҳои баробарии ҳуқуқ ва эчоди озодона, нигоҳ доштани урфу одат, тарғиб ва ташвиқи арзишҳои миллӣ ва рушди санъати меъморӣ баргузор мегардад.

12. Озмун бо истифодаи нишондиҳандаҳое, ки Тартиби мазкур пешбинӣ намудааст, бо дар назар доштани таҳлили натичаҳо ва омӯзиши лоиҳаҳои пешниҳодшуда ва мувофиқат ба меъёрҳои муқарраргардида сурат мегирад.

13. Дар чараёни баргузорӣ ва чамъбасти озмун истифодаи усулҳои муосири санъати баланди меъморӣ аввалиндарача арзёбӣ гардида, фикру андешаҳои гурӯҳи корӣ, ки аз ҳисоби коршиносони варзидаи соҳа, вазорату идораҳо, иттиҳодияҳои чамъиятӣ ва чомеаи шаҳрвандӣ ҳангоми зарурат чалб карда мешаванд, ба инобат гирифта мешаванд.

14. Лоиҳа бояд фарогири арзишҳои таърихию фарҳангӣ ва тачассумгари нишонаҳои давлатдорӣ бошанд, ҳамчун мачмааи нодиру таъсирбахш мавриди коркарди бисёр дақиқ бо диду назари хосу фарқкунандаи зебоишиносии фарҳанги таърихию муосири точик ва санъати баланди хоси шаҳрсозию меъморӣ таҳия карда шавад.

15. Ободонии боғ бо мачмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» ва майдони он бо истифодаи гулу буттаҳо ва дарахтони ороишии ҳамешасабзи нодир тарҳрезӣ карда шуда, майдон ва роҳравҳои он бо услуби хос аз сангҳои табиии маҳаллӣ кошинкорӣ карда шаванд. Аз ҳисоби умумии қитъаи замини барои боғ интихобшуда, масоҳати майдон (бо роҳҳои баромаду воридшудан ба он барои баргузории роҳпаймоиҳо бо барномаҳои фарҳангӣ ва театрикунонидашуда дар маъракаҳои сиёсиву фарҳангӣ), 2,5-3,0 га банақшагирӣ карда шуда, нишебиҳои канори наҳр (канал), ки дар қисмати ғарбии қитъаи замини интихобшуда мавчуд мебошад, мувофиқ ба релефи маҳал ба тартиб даровардa дар он шинонидани дарахтони ороишӣ ба инобат гирифта шавад. Ҳамзамон, бо истифода аз оби наҳри мазкур бо мақсади ташкили муҳити муносиб дар ҳудуди майдони боғ наҳри чорӣ бо ҳавзҳои декоративӣ банақшагирӣ карда шавад. Дар қисмати марказии боғи “Истиқлолият” майдон бо мачмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» чойгир ва намои асосии рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» ба самти хиёбони Рӯдакӣ нигаронида шуда, аз ин самт роҳи лоиҳавии асосӣ ҳамчун гулгашт аз қисмати шимолии Кохи

“Ваҳдат” бо инобати бартарафсозии биноҳои Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шавад. Ҳамзамон, аз самти шимол, оғоз аз кӯчаи Саид Носир роҳи воридшавӣ ва баромад пешбинӣ карда шавад. Бо мақсади ҳалли маҷмуавии меъмориву ландшафтии боғ бо истифода аз санъати баланди муосири ҷаҳонӣ дар ҳудуди он тартиби ҷобаҷогузории дарахту буттаҳои ороишӣ бо нишондоди номгуи онҳо ва роҳраву гулгаштҳо пешниҳод карда шавад.

16. Дар ин замина рукнҳои давлатдории миллӣ, ташаккули тафаккури таърихии халқ аз даврони бостон то замони Сомониён ва аз замони Сомониён то расидан ба Истиқлолияти давлатӣ ва озодии комил бояд ба инобат гирифта шавад. Махсусан тавассути ҳофизаи таърихӣ ифода намудани баъзе рӯйдодҳое, ки унсури такмилдиҳии худшиносии халқ гардидаанд, бояд ба назар гирифта шавад.

17. Дар тасвирҳои ороишӣ, девору рамзҳои интихобшаванда, инчунин худи муҷассама ва силсилаҳое, ки онро иҳота менамоянд, рӯҳи шикастнопазирии халқи тоҷик, тавоноиву бузургии он, симои ҷовидона ва корнамоиҳои фарзандони далери он бо ғуруру ҷавонмардие, ки доранд, бояд ифода шавад. Инчунин фарҳангсолорӣ, таърихнигорӣ, қадимияти халқи тоҷик, рамзҳои миллӣ, мардумсолорӣ, инсондӯстӣ ва ҳимматбаландии ин миллати фарҳангдӯст тасвир карда шавад.

18. Истифодаи баъзе ишораҳои таърихи бостон, сарчашмаҳои таърихи ёдгориҳои бостонӣ ва нигораҳое, ки дар он шуҷоату матонати халқи тоҷик ифода шудаанд, ба инобат гирифта шавад.

19. Дар лоиҳа барои боз ҳам муҳташаму зеботар шудани фазои ландшафти меъморӣ бо истифода аз суннатҳои шаҳрсозӣ бояд аз унсурҳои таърихию фарҳангии шаҳрҳои тамаддунофари бостонии тоҷикон эҷодкорона баҳрабардорӣ шаванд.

20. Дар як самти майдон деворанигораи муҳташами бо санъати хеле баланд аз сангҳои табиии Тоҷикистон бо номи «Нигористон» бо саҳнаи ба андозаи майдон мутаносиб пешбинӣ гардад, ки он барои баргузории тантанаҳои расмии давлатӣ (ҷашни Истиқлолияти давлатӣ, Наврӯз, Ваҳдати миллӣ ва ғайра) мавриди истифода қарор дода мешавад. Девори «Нигористон» аз сангҳои дурру лоҷуворд, фирӯза, лаъл ва дигар сангҳои ороишии Суғду Бохтар ва Бадахшон ороиш ёфта, дар марказ нақшҳои барҷастаи мурғи ҳумо бо фарри ориёӣ, ҳафт гунбад (ситора), ки ин яке аз шоҳкориҳои меъморию санъати меъмории ниёгони мо буда, инчунин дар он дигар рамзҳои давлатдорӣ акс ёфтаанд, тасвир карда шавад.

21. Эъмори девори «Нигористон» бо рамзҳои таърихии давлатдорӣ, озодихоҳӣ ва дастёб шудан ба Истиқлолияти миллӣ дар марҳилаи нави таърихист ва масъулият, хотираи таърихии мардум ва ҷомеаро нисбат ба таърих, арзишҳои фарҳангии дирӯзу имрӯз дучанд хоҳанд афзуд.

22. Бо мақсади интихоб намудани ғолиби озмуни лоиҳаи беҳтарин талаботи зерин ба инобат гирифта мешаванд:

- шакл, симо ва ҳалли меъмории беҳтарин;
- дар лоиҳа пешниҳод намудани ободонии ҳудуд (майдон), қисмати техникию хизматрасонии муҳандисӣ ва нишондодҳои техникию иқтисодии маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ».

## 6. Ҷойгиршавӣ

23. Ҷойгиронии боғи "Истиқлолият" бо рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» дар қисмати марказии шаҳри Душанбе, дар қитъаи замини масоҳаташ 29,0 гектар, ки дар ҳудуди хиёбонҳои Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ ва кӯчаи Саид Носир дар назар дошта шуда, дар қисмати шарқии он бинои Кохи «Ваҳдат» ҷойгир мебошад, банақшагирӣ карда шавад (нақшаи ҷойгиршавӣ замима мегардад). Ҳоло дар қитъаи замини мазкур бинову иншооти истиқоматию ҷамъиятӣ мавҷуд буда, бартарафсозии онҳо дар назар дошта шудааст.

## 7. Номгӯи ҳуҷҷатҳои лозима барои пешниҳод

24. Ҳуҷҷатҳои зерин барои озмун пешниҳод карда мешаванд:
- мактуби ёддошт на зиёда аз 4 саҳифа (дар 2 нусха) бо зикри масоили асосии меъморӣ, сохтмонӣ ва техникии иншоот;
- нақшаи генералӣ дар миқёси 1:1000;
- лоиҳаҳо дар шакли А0 (800 см х 1200см);
- нақшаҳои намо дар миқёси 1:100, 1:200;
- нақшаҳои ошёнаҳо ва бурришҳо дар миқёси 1:100, 1:200;
- таҳияи маводи графикӣ, 3D (навор) ва мактуби ёддоштӣ дар сатҳи озод;
- шиор дар болои кунҷи чапи лоиҳа ва мактуб бо калима навишта мешавад (баландии навиштаҷот 10 мм);
- дар мактуби даруни лифофа маълумоти зарурӣ доир ба муаллифон аз ҷумла ном, насаб, номи падар ё номи суроға ва рақами телефон нишон дода мешавад.

25. Дар лоиҳаи аз ҷониби як гурӯҳ таҳияшуда:
- иловатан бо шиор дар варақи алоҳида имзои муаллифон гузошта шавад;
- дар мавриди таҳияи ҳуҷҷатҳои озмун аз графикаи компютерӣ ва амсила (макет) истифода намудан мумкин аст.

26. Лоиҳаҳое, ки ба озмун бо вайрон кардани шартҳои мазкур ва пас аз мӯҳлати пешбинигардида пешниҳод мегарданд, баррасӣ карда намешаванд.

## 8. Мӯҳлати пешниҳоди лоиҳа

27. Ҳуҷҷатҳои довталабон барои иштирок дар озмун то 30 сентябри соли 2018 ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон бо қайди «Барои озмун» ба суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 36 пешниҳод карда мешаванд.

28. Ҳуҷҷатҳои озмунии пешниҳодшуда дар китоби алоҳида бо зикри санаи ворид шудани онҳо ба қайд гирифта мешаванд.

## 9. Мукофот барои ғолиби озмун

29. Мукофот барои ғолибони озмун ба шакли зерин муайян карда мешавад:

- барои ҷойи якум мукофот ба маблағи 30000 сомонӣ;
- барои ҷойи дуюм мукофот ба маблағи 15000 сомонӣ;
- барои ҷойи сеюм мукофот ба маблағи 10000 сомонӣ;
- барои ҳавасмандгардонии иштирокчиёни дигари озмун ифтихорнома дода мешавад.

Замимаи 2

Бо фармоиши Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» майи соли 2018
№50-ф тасдиқ шудааст

Ҳайати
Комиссияи байниидоравӣ оид ба гузаронидани озмуни кушода байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ватанию хориҷӣ доир ба интихоби беҳтарин лоиҳаи ангоравии боғи «Истиқлолият» бо майдони маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» дар шаҳри Душанбе бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон - раиси Комиссияи байниидоравӣ;

раиси шаҳри Душанбе - муовини раиси Комиссияи байниидоравӣ;

муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини раиси Комиссияи байниидоравӣ;

ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа - муовини раиси Комиссияи байниидоравӣ;

раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини раиси Комиссияи байниидоравӣ;

сардори раёсати рушди инфрасохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - котиби масъули Комиссияи байниидоравӣ.

Аъзои Комиссияи байниидоравӣ:

сардори раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сардори раёсати илму маърифати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

директори Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини якуми раиси шаҳри Душанбе;

ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик

М.С. Осимӣ;

ректори Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон;

директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон;

раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон;

раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон;

раиси Иттифоқи меъморони Тоҷикистон;

раиси Иттифоқи дизайнерони Тоҷикистон;

раиси Академияи меъморӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Ассотсиатсияи сохтмончиёни Тоҷикистон;

раиси Академияи мусаввирии Тоҷикистон.